ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод ғардидааст.

Бемории сил яке аз қадимтарин бемориҳои сироятӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳазораҳои пеш то замони имрӯз ба инсоният маълум мебошад. Дар Ҳиндустони Қадим сил ҳамчун бемории табобатнопазир маънидод шуда, аз як узви оила ба узви дигари он интиқол меёфт. Осори ба бемории сил хос дар боқимондаҳои устухонии одамони давраи сангин ва инчунин дар ҷасадҳои мумёгардидашудаи Миср низ мушоҳида гардидаанд.

Аввалин маълумоти илмӣ дар бораи силро Ғиппократ (460–337 то милод) баён намудааст. Дар асарҳои Абӯалӣ ибни Сино (980–1037) низ нишонаҳои сили шуш ва имконияти муолиҷаи он бо тавсифи муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқот омӯзиши вазъи эпизоотии бемории сили чорвои калони шохдор (ЧКШ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайянсозии самаранокии усулҳои тафриқаи аксуламалҳои хос ва ғайрихос (парааллергетикӣ) ба туберкулин, инчунин таҳқиқи робитаи байни сили ЧКШ ва одамон бо истифода аз усулҳои муосири ташхисӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, муаллифи диссертатсия вазифаҳои муайян кардани таъсири вояи ППД-туберкулини ширхӯрон ба зоҳиршавии аксуламалҳои бодигармӣ дар ЧКШ, арзёбии муқоисавии аҳамияти ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД-туберкулини ширхӯрон, туберкулини парандагон ва маҷмуи микобактерияҳои ғайрисилӣ (ММҒ), ҳамзамон мукаммалсозии санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ, омӯзиши робитаи сили ЧКШ ва одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи натиҷаҳои ташхис бо истифода аз усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП)-ро пеш гузоштааст.

Қобили зикр аст, ки муаллиф ҳангоми иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои илмӣ бо масъулият ва муваффақият аз уҳдаи ҳамаи онҳо баромадааст. Диссертант барои иҷроиши вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои навтарин ва таҷҳизотҳои муосири замонавиро истифода намудааст, натиҷаҳои бадастомада боэътимоданд.

Хулоса, диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич тахти унвони «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ходими калони илмии Шуъбаи
паразитологияи Институти зоология
ва паразитологияи ба номи
Е.Н. Павловскийи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.б. Қадамзода Д.С.
12.12.с2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Ҳалқаҷар, к/п 70.
Tel.: (992) 989-11-68-48
E-Mail.: kadamov.d@mail.ru

Имзои Қадамзода Д.С.- ро тасдиқ мекунам.

Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
зоология ва паразитологияи ба номи
Е.Н. Павловскийи АМИТ Якубова Н.М.

ДУРУСТ:
МУДИРИ ШУЪБАИ
КАДРҲОИ ИЗ ва П АМИТ.
"12" 12 с.2025
ИМЗО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Ҳалқаҷар, к/п 70.
Tel.: (992) 935-33-76-02
E-Mail.: izip41@mail.ru

12.12.с2025